# Шарҳи моҳонаи таваррум • Майи 2022

**Сатҳи таваррум[1] дар моҳи майи соли 2022 ба 0,7 фоиз баробар гардид, ки нисбат ба моҳи қаблӣ бетағйир ва ҳамин моҳи соли 2021 0,2 банди фоизӣ (б.ф.) баланд мебошад.**

Дар моҳи баррасишаванда таваррумӣ ҳосилшуда асосан аз ҳисоби болоравии нархи маҳсулоти хӯрокворӣ 1,2 фоиз (саҳм дар таваррум 0,62 б.ф.) ва молҳои ғайрихӯрокворӣ 0,4 фоиз (0,11 б.ф.) ба амал омад. Ҳамзамон, дар ин моҳ арзиши хизматрасониҳои пулӣ ба аҳолӣ -0,2 фоиз (-0,03 б.ф.) раванди коҳишёбӣ доштанд.

Дар сохтори маҳсулоти хӯрокворӣ болоравии нархи маҳсулоти серистеъмоли аҳолӣ, аз қабили нархи орди навъи якум 5,9 фоиз, равғани пахта 2,4 фоиз, равғани офтобпараст 2,1 фоиз, гӯшти гӯсфанд 0,9 фоиз, биринҷ 1,1 фоиз, шакар 1,6 фоиз, себ 1,5 фоиз, картошка 6,4 фоиз, сабзӣ 10,3 фоиз ва ғайра ба қайд гирифта шуд.

Яке аз сабабҳои асосии боло рафтани нархи орди навъи якум ва равғани рустанӣ дар кишвар ин коҳишёбии ҳаҷми воридоти онҳо бинобар маҳдуд намудани содироти онҳо аз ҷониби кишварҳои содиркунанда вобаста ба номусоидии вазъи боду ҳаво, кам гардидани захира ва боло рафтани нархҳои воридотии ин маҳсулотҳо ба ҳисоб меравад.

Дар баробари ин, коҳишёбии нархи баъзе аз маҳсулотҳои хӯрокворӣ, аз ҷумла нархи гӯшти гов 2,2 фоиз, шир 0,8 фоиз, тухм 3,7 фоиз, пиёз 2,4 фоиз, карам 21,9 фоиз, помидор 25,5 фоиз, бодиринг 37,9 фоиз ва ғайра назар расид. Раванди мазкур асосан дар натиҷаи афзоиши пешниҳоди баъзе аз маҳсулоти хӯрокворӣ дар натиҷаи ҷамъоварии ҳосили фаровони мавсими баҳорӣ, ки ба мӯътадилии сатҳи талаботу таклифот замина гузошт, ба амал омад.

Аз молҳои ғайрихӯрокворӣ бошад, дар моҳи ҳисоботӣ бештар болоравии нархи либос ва пойафзол 0,2 фоиз, масолеҳи таъмир ва сохтмон 0,1 фоиз, маводи шустушӯй 4,4 фоиз, маводи доруворӣ 0,3 фоиз ва ғайра мушоҳида гардид.

**Таварруми моҳона ва солона, бо %**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)




**Афзоиши гурӯҳи нархҳои истеъмолӣ ва саҳми сохтории онҳо дар таваррумӣ солона, бо %**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)




**Тағйирёбии намояи нархи орди навъи якум, равғани пахта ва шакар, бо % моҳона**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)



Нарху тарифаҳои хизматрасониҳои пулӣ ба аҳолӣ бошад, дар моҳи ҳисоботӣ тамоюли коҳишёбӣ дошта, раванди мазкур асосан дар натиҷаи арзоншавии арзиши хизматрасонии гази моеъ 3,7 фоиз ба вуқӯъ пайваст.

Тибқи маълумоти омори расмӣ дар моҳи майи соли ҷорӣ болоравии сатҳи нархҳо дар кишварҳои минтақа, аз ҷумла Туркия 3,0 фоиз, Қазоқистон 1,4 фоиз, Қирғизистон 0,3 фоиз, Гурҷистон 1,1 фоиз, Русия 0,1 фоиз ва Ӯзбекистон 1,0 фоиз ба қайд гирифта шуд.

**Таварруми солона дар моҳи майи соли 2022 ба 7,5 фоиз баробар гардид, ки дар муқоиса ба ҳамин давраи соли гузашта 0,8 б.ф. кам мебошад.**

Сатҳи таваррми солона дар моҳи майи соли ҷорӣ дар кишвари Туркия 73,5 фоиз, Русия 17,1 фоиз, Қазоқистон 14,0 фоиз, Қирғизистон 14,0 фоиз, Гурҷистон 13,3 фоиз ва Ӯзбекистон 11,0 фоизро ташкил менамояд.

Сатҳи таваррми аслӣ, ки дар худ қисман омилҳои монетариро инъикос менамояд, дар моҳи майи соли ҷорӣ 0,4 фоизро ташкил намуда, бо арзёбии солона ба 2,4 фоиз баробар гардид. Ба ин раванд бештар болоравии нархи молҳои ғайрихӯрокворӣ ва маҳсулоти тайёри хӯрокворӣ мусоидат намуд.

**Бонки миллии Тоҷикистон татбиқи сиёсати пулию қарзиро ҷиҳати коҳиш додани таъсири омилҳои монетарӣ ба сатҳи таваррум баҳри ноил гардидан ба нишондиҳандаи мақсадноки пешбинишуда бо истифода аз фишангҳои монетарӣ идома хоҳад дод.**

**Сатҳи таваррум дар минтақа (бо фоиз)**
(манбаъ: Мақомотҳои омори давлатҳои дахлдор)

| Кишварҳо | Таваррми моҳона (майи 2022) | Таваррум янв.-май. с.2022 | Таваррми солона (майи с.2022) |
|---|---|---|---|
| Туркия | **3,0** | **35,6** | **73,5** |
| Қазоқистон | 1,4 | 8,8 | 14,0 |
| Гурҷистон | 1,1 | 7,6 | 13,3 |
| Ӯзбекистон | 1,0 | 5,5 | 11,0 |
| Белорус | 0,7 | 11,9 | 17,0 |
| **Тоҷикистон** | **0,7** | **3,9** | **7,5** |
| Қирғизистон | 0,3 | 7,5 | 14,0 |
| Арманистон | 0,1 | 5,8 | 9,0 |
| Россия | 0,1 | 11,8 | 17,1 |

**Таваррми аслии солона, бо %,**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)




[1] - тибқи маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Намояи нархҳои истеъмолӣ (таварруми солона бо фоиз)***

| | Вазн,% | 2019 | 2020 | 2021 | | | | 2022 | | | | | Май тағйирёбии моҳона,% |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | Март | Июн | Сентябр | Декабр | Январ | Феврал | Март | Апрел | Май | |
| **Номгӯи молу маҳсулот ва хизматрасонӣ** | **100,0** | **8,0** | **9,4** | **9,9** | **9,4** | **9,6** | **8,0** | **7,8** | **7,1** | **7,3** | **7,3** | **7,5** | **0,7** |
| | | | | | | | | | | | | | |
| **Маҳсулоти хӯрокворӣ ва нӯшокиҳои беспирт** | **48,1** | **11,4** | **13,5** | **13,5** | **10,9** | **11,0** | **7,5** | **6,8** | **6,4** | **7,2** | **7,5** | **7,5** | **1,3** |
| Нон ва маҳсулоти нонӣ | 15,1 | 16,5 | 13,8 | 10,4 | -3,7 | 2,2 | 4,0 | 4,8 | 4,8 | 11,0 | 16,7 | 22,2 | 4,2 |
| Биринҷ | 2,8 | 7,6 | 3,2 | 0,4 | -5,5 | -7,8 | -7,5 | -7,5 | -7,0 | -5,7 | -3,9 | -2,5 | 1,1 |
| Орд | 8,6 | 21,0 | 16,4 | 12,9 | -5,7 | 4,6 | 8,0 | 8,8 | 8,6 | 18,0 | 26,4 | 34,9 | 5,9 |
| Гӯшт ва маҳсулоти он | 7,3 | 21,8 | 5,7 | 9,0 | 14,6 | 14,0 | 15,1 | 15,3 | 13,9 | 9,8 | 2,6 | 0,9 | -1,1 |
| Гӯшти гов | 3,9 | 25,9 | 6,2 | 9,5 | 15,5 | 15,8 | 14,9 | 15,1 | 13,9 | 7,7 | -0,5 | -3,6 | -2,2 |
| Тухм | 1,5 | 6,3 | 18,9 | 43,2 | 24,2 | 11,9 | -14,4 | -24,0 | -26,3 | -21,2 | -18,6 | -24,3 | -3,7 |
| Шир ва маҳсулоти ширӣ | 1,9 | 6,4 | 4,3 | 5,6 | 6,2 | 7,9 | 8,9 | 7,7 | 9,9 | 23,6 | 21,7 | 23,6 | 0,0 |
| Шир | 0,5 | 7,3 | 5,6 | 10,3 | 3,1 | 8,8 | 4,3 | 4,0 | 10,6 | 15,4 | 17,0 | 18,3 | -0,8 |
| Равғани рустанӣ ва ҳайвонот | 4,6 | -1,7 | 42,3 | 51,5 | 64,3 | 58,9 | 20,8 | 20,5 | 17,3 | 12,4 | 4,2 | 4,5 | 2,0 |
| Меваҷот | 4,1 | -2,2 | 4,7 | -6,4 | -9,5 | -9,7 | -6,7 | -6,6 | -6,9 | -8,3 | -5,3 | -5,2 | 2,2 |
| Сабзавот | 6,8 | 15,4 | 5,8 | 5,5 | 14,1 | 11,7 | 16,4 | 11,6 | 13,4 | 6,3 | 5,4 | -3,0 | -2,5 |
| Шакар | 1,9 | -5,1 | 40,8 | 46,7 | 41,0 | 21,9 | 4,4 | 4,3 | 2,9 | 6,9 | 14,0 | 15,1 | 1,6 |
| Нӯшокиҳои беспирт | 1,4 | 8,1 | -2,2 | 4,5 | -1,7 | 0,1 | -0,7 | 0,6 | 1,5 | 2,6 | 3,2 | 4,9 | 1,2 |
| **Хӯроки умумӣ**** | **1,3** | **3,0** | **5,9** | **5,9** | **5,7** | **1,8** | **3,3** | **3,3** | **3,3** | **3,3** | **3,3** | **3,3** | **0,0** |
| **Нӯшокиҳои спиртдор ва тамоку** | **2,0** | **1,0** | **5,0** | **4,6** | **4,3** | **2,8** | **5,8** | **5,7** | **4,9** | **6,2** | **6,3** | **6,9** | **0,6** |
| **Маҳсулоти ғайрихӯрокворӣ** | **31,8** | **4,2** | **5,8** | **7,6** | **8,4** | **7,8** | **7,5** | **7,8** | **6,4** | **6,3** | **6,1** | **6,7** | **0,4** |
| Либос ва пойафзол | 11,3 | 13,4 | 4,5 | 4,9 | 4,1 | 3,3 | 2,8 | 3,2 | 2,7 | 2,4 | 2,6 | 3,0 | 0,2 |
| Масолеҳи таъмир ва сохтмон | 4,2 | 4,9 | 8,0 | 7,8 | 6,5 | 5,1 | 8,0 | 6,8 | 6,4 | 7,8 | 8,2 | 8,2 | 0,1 |
| Маводи шустушӯй | 2,0 | 3,3 | 10,1 | 9,5 | 7,7 | 5,7 | 4,6 | 5,2 | 4,8 | 5,1 | 6,8 | 11,5 | 4,4 |
| Доруворӣ | 2,9 | 13,0 | 7,8 | 6,6 | -0,4 | -1,6 | -0,7 | 4,2 | 5,3 | 7,4 | 7,7 | 8,7 | 0,3 |
| Сӯзишвории нақлиёт | 2,0 | -5,7 | -6,1 | 16,8 | 56,8 | 59,4 | 63,0 | 54,6 | 40,2 | 33,2 | 24,1 | 23,0 | -2,6 |
| Дигар намуди сӯзишворӣ | 1,2 | -9,9 | 14,8 | 12,8 | 22,1 | 11,8 | 2,7 | 2,7 | 2,7 | 5,1 | 5,1 | 5,3 | 0,0 |
| Васоити нақлиёт | 1,1 | 0,8 | 3,2 | 4,3 | 4,2 | 2,9 | 2,9 | 4,0 | 1,5 | 1,5 | 1,5 | 1,5 | 0,0 |
| Лавозимот ва ашёи дигари истифодабарии шахсӣ | 1,8 | 3,8 | 8,8 | 9,3 | 5,6 | 5,2 | 3,7 | 4,1 | 2,8 | 3,2 | 3,4 | 3,6 | 0,2 |
| **Хизматрасониҳо** | **16,7** | **5,5** | **4,0** | **4,1** | **5,1** | **9,3** | **11,3** | **11,5** | **11,1** | **9,9** | **9,6** | **9,4** | **-0,2** |
| Манзилӣ-коммуналӣ | 5,7 | 9,1 | 1,8 | 3,7 | 9,6 | 14,6 | 13,1 | 13,2 | 10,5 | 10,1 | 8,9 | 8,2 | -0,7 |
| Иҷорапулии манзил | 0,2 | 2,8 | 6,0 | 4,7 | 3,8 | 1,4 | -1,1 | -0,9 | -0,9 | 3,7 | 3,7 | 4,5 | 0,0 |
| Обрасонӣ ва партовбарорӣ | 0,8 | 4,3 | 0,0 | 0,2 | 0,2 | 0,2 | 0,2 | 0,2 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 |
| Қувваи барқ | 3,2 | 16,2 | 0,7 | 0,7 | 0,7 | 0,7 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 |
| Оби гарм | 0,0 | 0,6 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 |
| Газ | 1,1 | -5,9 | 4,0 | 14,1 | 52,0 | 66,7 | 66,1 | 66,6 | 46,7 | 44,4 | 36,1 | 30,9 | -3,7 |
| Нақлиёт | 4,3 | 3,7 | 3,0 | 1,5 | 1,5 | 11,2 | 22,4 | 22,4 | 24,4 | 19,5 | 19,5 | 19,6 | 0,1 |
| Алоқа | 2,0 | 0,1 | 9,0 | 9,0 | 0,6 | 0,4 | 0,1 | -0,7 | -0,7 | -0,7 | -0,7 | -0,6 | 0,0 |
| Маориф | 1,8 | 1,5 | 9,3 | 8,8 | 8,8 | 8,7 | 7,8 | 8,2 | 8,1 | 8,2 | 8,3 | 8,3 | 0,0 |
| Тандурустӣ | 1,1 | 15,6 | 0,4 | 0,3 | 0,0 | 0,0 | 0,1 | 0,3 | 1,0 | 1,1 | 1,6 | 2,1 | 0,5 |
| Маишӣ | 1,6 | 3,8 | 6,7 | 5,9 | 5,5 | 4,1 | 1,7 | 2,8 | 3,0 | 3,2 | 3,2 | 3,4 | 0,1 |

*- Номгӯи молу маҳсулот ва хизматрасониҳои серистеъмоли аҳолиро дар бар мегирад. Маълумоти пурра оид ба номгӯи маҳсулот (аз рӯи сабади истеъмолӣ-546 номгӯи маҳсулот) дар сомонаи Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (www.stat.tj) ҷойгир мебошад.

** - Ошхона, қаҳвахона ва тарабхонаҳо